**Маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги интихоботӣ**

30 июн бо ташаббуси Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон Форуми ҷумҳуриявии «Маърифати ҳуқуқӣ — омили рушди давлати ҳуқуқбунёд» баргузор шуд. Дар кори он узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хидирзода Махфират Умар бо маърӯза дар мавзуи "Маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги интихоботӣ" баромад намуд. Мавсуф қайд намуд, ки Форуми имрӯза яке аз нахустин чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ҷиҳати амалӣ намудани ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба Қабули Қатъномаи СММ дар бораи эълони "Соли 2027 - Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ" маҳсуб меёбад.

Дар идомаи суханронӣ вобаста ба нақши маърифати ҳуқуқӣ дар ташаккул ва такомули фарҳанги интихоботӣ суханронӣ намуда, М.Хидирзода қайд намуданд, ки рушди маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ба онҳо имкон медиҳад, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои худро дар сатҳи зарурӣ дарк намуда, ҳудуди байни масъулият ва озодиро дар масъалаи иштироки электоралии худ муайян ва риоя намоянд. Маърифати ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки фарҳанги хоси интихоботӣ ташаккул ёбад, ки ҷавобгуӣ талабот ва зарурати иҷтимоии дар ҷомеа мавҷуда бошад.

Дар идомаи кори Форум намояндагони дигар вазорату идора, ташкилоту муассисаҳо ва олимону коршиносон оид ба аҳаммияти ташаббуси зикргардида суханронӣ намуданд.